«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
_______________ Абдуалимзода Ҳ.А.
«_20_» ___05___ соли 2024

## ТАҚРИЗИ

**муассисисаи пешбар ба диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

### Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ» ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) мутобиқат мекунад: 1.2. Методологияи ташаккули нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ, ки дар сатҳи микро ва макроиқтисод маҷмуи иҷтимоию иқтисодиро тавсиф мекунанд, 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ, 1.5. Танзим ва стандартикунонии коидаҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми ташаккули маълумоти ҳисоботӣ, 1.6. Мутобиқгардонии низомҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ, мувофиқати онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ.

### Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Яке аз заминаҳои баромадани иқтисодиёти миллӣ аз вазъи буҳронӣ рушди фаъолияти сармоягузорӣ мебошад. Густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ, барпо намудани робитаҳои хориҷӣ ва ҷалби сармоя зарурати қонеъ намудани эҳтиёҷи сармоягузоронро бо иттилооти саҳеҳ, ки тавассути ҳисоботи молиявии дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ бунёдгардида пешкаш карда мешавад, муайян менамояд. Ин иттилоот бояд имконияти қабули қарорҳои идоракунии саривақтӣ ва оқилонаро таъмин кунад.

Инъикоси дурусти амалиёт бо воситаҳои асосӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ масъалаи хеле мураккаб ва дорои мушкилоти методологӣ мебошад.

Мусаллам аст, ки рушди иктисодиёти миллӣ бе навкунии пойгоҳи техникии он ғайриимкон аст. Вобаста ба ин, талабот ба баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ, ки дар асоси иттилооти омоданамудаи он таҳлили самаранокии истифодабарии пойгоҳи техникии истеҳсолот ба ҷо оварда мешавад, баланд мегардад. Ҳамаи ин зарурати ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибиро, ки ба татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва тезонидани раванди мутобиқ гардонидани он ба талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ нигаронида шудааст, муайян мекунад.

Баҳснок будани муқарраротн назариявӣ, аҳамияти амалии баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ ва инъикос кардани иттилоот оид ба онҳо дар ҳисоботи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ, сатҳи нокифояи таҳқиқи ин масъалаҳо аз нигоҳи талаботи муосири идоракунӣ мубрамии мавзуи диссертатсияи тақризшавандаро муайян, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои онро тасдиқ мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дорои навгонии илмӣ буда, ба ҳалли мушкилоти назариявию методологӣ ва амалии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ мусоидат карда метавонанд. Ҳамчун навгониҳои илмии таҳқиқот, ки аз натиҷаҳои он бармеоянд, ин нуктаҳоро номбар кардан мумкин аст:

1. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии дарки моҳияти иқтисодии воситаҳои асосӣ ҳамчун объекти муҳими баҳисобгирӣ таҳқиқ шуда, мафҳуми муҳосибии воситаҳои асосӣ дар тафовут аз истифодаи он дар илмҳои дигари иқтисодӣ аниқ карда шудааст. Мақоми воситаҳои асосӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва муҳимии масъалаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда шудааст.

2. Масъалаҳои рушди усулҳои баҳодиҳии воситаҳои асосӣ аз нигоҳи таъсири арзиши онҳо ба нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои муосир дар шароити татбиқи СБҲМ таҳқиқ гардида, аҳамият ва мубрамии онҳо дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои тиҷоратӣ тасдиқ карда шудааст. Ҳамчунин хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар алоқамандӣ бо рушди методикаи баҳисобгирии онҳо дар шароити татбиқи СБҲМ муайян карда шудаанд.

3. Дар асоси таҳлили вазъи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар партави муқарраротн СБҲМ мушкилоти робитаи байниҳамдигарии баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз арзёбӣ карда шудааст. Аҳамияти баҳисобгирии молиявӣ ҳамчун пойгоҳи иттилоотии идоракунии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ, воситаи таъмини

истифодабарандагон бо иттилоот оид ба воситаҳои асосӣ барои тартиб додани ҳисоботи андоз (андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ) тасдиқ карда шудааст.

4. Мушкилоти баҳисобгирии муҳосибии барқарорсозии воситаҳои асосӣ таҳқиқ карда, роҳҳои беҳгардонии баҳисобгирии маблағгузории хароҷоти таъмири воситаҳои асосӣ, баланд бардоштани саҳеҳии инъикоси ин хароҷот дар ҳисоботи молиявӣ муайян карда шуда, методикаи баҳисобгирии хароҷоти таъмири воситаҳои асосӣ таҳия карда шудааст.

5. Вазъи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ таҳқиқ карда шуда, ҷанбаҳои идоракунии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити татбиқи стандартҳои байналмилалӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шудаанд. Ба хотири беҳгардонии сиёсати истеҳлок дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ роҳандозӣ намудани тадбирҳои зарурӣ, аз ҷумла вобаста ба беҳгардонии тарҳҳои истеҳлок пешниҳод гардидааст.

6. Дар асоси такмили сиёсати истеҳлок ва мутобиқсозии он ба шароити корбурди СБҲМ роҳҳои такмили методикаи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ муайян карда шудаанд. Зарурати омӯзиши амиқи асосҳои методологии раванди такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар шароити муосир тасдиқ ва нақши тарҳҳои истеҳлок дар маблағгузории рушди иқтидори техникии субъектҳои иқтисодӣ муайян карда шудааст. Тадбирҳо барои пурзӯр намудани нақши сиёсати истеҳлок ҳамчун унсури сиёсати баҳисобгирӣ пешниҳод карда шудаанд.

7. Тасдиқ гардидааст, ки яке аз ҷиҳатҳои асосии мутобиқсозии низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба шароити корбурди СБҲМ ин такмили раванди ташаккули иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ мебошад. Дар робита бо ин мушкилоти асосӣ дар баҳодиҳии арзиши аввалии воситаҳои асосӣ ва корбурди мафҳуми арзиши барҳамдиҳӣ дар амалияи миллии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо аз ҷумла тавассути татбиқи методикаи таҳияшудаи ҳисобкунии маблағи истеҳлоки воситаҳои асосӣ бо назардошти арзиши барҳамдиҳӣ нишон дода шудааст.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он**

Дар диссертатсия масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, равишҳои методологии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ баррасӣ гардида, дар ин асос ҷанбаҳои асосии рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои муосир муайян карда шудаанд, ки ин саҳми илмии муаллифи диссертатсияро дар ҳалли масъалаҳои соҳаи баҳисобгирии муҳосибии муосир ифода мекунад. Таҳлили муҳтавои бобҳои алоҳидаи

диссертатсия, ки дар онҳо масъалаҳои мубрами назариявию амалӣ ва методии рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити стандартҳои байналмилалӣ таҳқиқ шудаанд, аҳамияти илмии ҳалли мушкилоти баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва рушди методикаи онро тасдиқ мекунад. Вобаста ба таҳлил ва ҷамъбасти асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, муайян кардани хусусиятҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, таҳлили вазъи муосири баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, муайян кардани мушкилот дар ин самт ва нишон додани роҳҳои ҳалли онҳо, такмили методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ хулоса ва тавсияҳои барои илм ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ судманд таҳия гардидаанд. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди методикаи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар шароити СБҲМ истифода шаванд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, бахши хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт бо 148 номгӯй иборат буда, муҳтавои асосии он дар ҳаҷми 186 саҳифа дарҷ гардидааст.

Дар бахши муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаҳои маълумот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст (саҳ. 3-12).

Қисмати назариявӣ ва методологии таҳқиқот (боби якум), ки дар он моҳияти иқтисодии мафҳуми «воситаҳои асосӣ» ҳамчун объекти муҳими баҳисобгирии муҳосибӣ аниқ карда шуда (саҳ. 16), инчунин тафовути байни мафҳумҳои дигари бо воситаҳои асосӣ алоқаманд, аз ҷумла «фондҳои асосӣ», «сармояи асосӣ», «дороиҳои доимӣ», «истеҳлоки воситаҳои асосӣ» муайян карда шудааст (саҳ. 18-24), аз ҷиҳати илмӣ хеле пурмазмун ба назар мерасад. Зеро таҳияи тафсири пурра ва дурусти мафҳум ва зикри моҳияти воситаҳои асосӣ барои ташаккули амсилаи аз ҷиҳати иқтисодӣ муносиби баҳисобгирии воситаҳои асосӣ имкон медиҳад. Татбиқи амсилаи мазкур дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ имкон медиҳад, ки ҳамаи

амалиёт бо воситаҳои асосӣ дар ҳисобҳои муҳосибии корхона инъикос гардида, иттилооти саҳеҳ дар бораи онҳо тавассути ҳисоботи молиявӣ ба истифодабарандагони манфиатдор пешкаш карда шавад (саҳ. 28-29).

Ҳамчунин усулҳо ва методологияи баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ таҳқиқ карда шуда (саҳ. 29-47), хусусиятҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ мутобиқи СБҲМ муайян ва арзёбӣ карда шудаанд (саҳ. 48-65). Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки арзиши одилона арзиши объекти воситаҳои асосиро нисбатан воқеъбинона инъикос мекунад, бинобар ин, истифодаи он ҳангоми ба баҳисобгирии муҳосибӣ қабул кардани воситаҳои асосӣ мақбул аст. Ӯ бо максади ташаккули методологияи ягонаи баҳодиҳӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун маблағи азнавбаҳододашудаи воситаҳои асосӣ истифодаи арзиши одилонаро тавсия медиҳад (саҳ. 43), ки инро бояд ҷонибдорӣ кард.

Муаллиф ҷиҳати муайян кардани хусусиятҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ муҳтавои стандартҳоеро, ки дар онҳо масъалаҳои ташаккули иттилооти ҳисоботӣ оид ба воситаҳои асосӣ баррасӣ мешаванд, таҳқиқ намуда, таъкид мекунад, ки ин хусусиятҳо аз тинати дороиҳои дарозмуҳлат бармеоянд ва ба тартиби дар ҳисоботи молиявӣ инъикос кардани иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ таъсир мерасонанд (саҳ. 49-50). Дарвоқеъ, муҳлати тӯлонии истифодаи нафъовари воситаҳои асосӣ барои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ масъалаи муҳим аст ва он муҳтавои аксари дигар масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосиро муайян мекунад.

Дар боби дуюми дисертатсия вазъи баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ гардида, имконияти рушди минбаъдаи он муайян карда шудааст (саҳ. 66-82). Ҳамчунин дар боби мазкур мушкилоти баҳисобгирии муҳосибии барқарорсозӣ ва навкунии воситаҳои асосӣ муайян карда шуда (саҳ. 83-99), заминаҳои татбиқи стандартҳои байналмилалӣ дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ таҳқиқ ва арзёбӣ карда шудаанд (саҳ. 100-114).

Дар натиҷаи таҳлили вазъи муосири баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар якчанд корхонаҳои тиҷоратӣ муаллиф тасдиқ мекунад, ки ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҳадафи асосии худ – татбиқи пурраи СБҲМ ноил нагардидааст, мушкилот ва масъалаҳои баҳсноки зиёд дар низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла дар баҳисобгирии воситаҳои асосӣ боқӣ мондаанд (саҳ. 71). Муаллиф ҳамчун яке аз мушкилоти асосӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ, ки бо баҳисобгирии воситаҳои асосӣ алоқаманд аст, масъалаи мухолифати баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии андозро ҷудо карда, ақидаи худро бо он асоснок мекунад, ки мавҷудият ва арзиши воситаҳои

асосӣ ба бузургии ухдадориҳои субъектҳои иктисодӣ, ки вобаста ба андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ пайдо мешаванд, таъсир мерасонад. Ҳамзамон, тавре муаллиф қайд мекунад, риояи талаботи қонунгузории андоз иҷрои муқаррароти СБҲМ ва низомномаҳои миллии баҳисобгирии муҳосибиро маҳдуд мекунад (саҳ. 72). Қобили ситоиш аст, ки дар диссертатсия роҳҳои ҳалли мушкилоти мазкур нишон дода шудаанд ва амалӣ намудани онҳо барои ноил гардидан ба ҳадафҳои ислоҳоти низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ аҳамияти амалӣ дорад.

Муаллиф дар натиҷаи омӯзиши низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ тасдиқ менамояд, ки баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ҳамчун пойгоҳи иттилоотӣ барои идоракунии воситаҳои асосии корхонаҳо дар таъмини истифодабарандагон бо иттилооти зарурӣ, аз ҷумла иттилоот дар бораи воситаҳои асосӣ барои тартиб додани ҳисобот оид ба андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ аҳамияти назаррас дорад (саҳ. 83). Бинобар ин, аксари хулоса ва тавсияҳои аз натиҷаи диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф ба масъалаҳои муносибати баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии андоз ҷиҳати воситаҳои асосӣ марбут мебошанд.

Муаллиф мушкилоти муосири баҳисобгирии муҳосибии таъмини молиявии барқарорсозӣ ва навкунии воситаҳои асосиро таҳқиқ карда, дуруст хулоса баровардааст, ки бештари мушкилоти мазкур бо сабаби дар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муайян нашудани мафҳумҳои дахлдор ва тафсири онҳо, ҷой доштани тафовути қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз ҷиҳати воситаҳои асосӣ ба миён омадаанд (саҳ. 84). Бинобар ин, муаллиф дуруст кайд мекунад, ки ҳангоми таснифи корҳои барқарорсозии воситаҳои асосӣ корхонаҳои тиҷоратӣ кӯшиш мекунанд, бештари корҳои дар доираи чорабиниҳои барқарорсозии воситаҳои асосӣ анҷомдодашударо хамчун корҳои таъмирӣ тасниф карда, масрафҳои онҳоро ба таркиби хароҷоти таъмир дохил кунанд, зеро ин гуна хароҷотро метавон дарҳол ба хароҷоти ҷорӣ соқит кард, ки дар натиҷа маблағи даромади андозбандишавандаи корхона камтар мешавад (саҳ. 86). Дар диссертатсия бо назардошти мухтавои санадҳои меъёрии соҳаи бахисобгирии муҳосибӣ ва қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки корхонаҳо хароҷоти таъмирро ё ба арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) гузаронанд, ё ба арзиши объектҳои воситахои асосии таъмиршуда (саҳ. 88). Пешниҳоди муаллиф аҳамияти амалии арзанда дорад, зеро ҳалли масъалаи мазкур яке аз мушкилоти асосии раванди ташаккули арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар корхонаҳои истеҳсолӣ мебошад.

Андешаи муаллиф дар бораи истифодаи стандартҳои байналмилалӣ дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ низ аҳамияти назарраси илмию амалӣ дорад, зеро дар ин маврид саҳеҳии ҳисоботи идоракунӣ баланд шуда, дар ин асос қарорҳои идоракунии нисбатан босифат қабул карда мешаванд. Вобаста ба ин, муаллиф дуруст қайд намудааст, ки дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ ҷиҳати муҳимтарин – баҳисобгирии истеҳлок мебошад, зеро маблағҳои истеҳлоки ҳисобузамшуда манбаи худии боэътимоди маблағгузории ташаккули воситаҳои асосӣ мебошанд (саҳ. 105). Бинобар ин, ӯ вобаста ба такмил ва рушди баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ тавсияҳои судманд таҳия кардааст. Муаллиф тасдиқ мекунад, ки кафили амалкунии бобарори корхонаҳои истеҳсолии муосир ташкили дурусти баҳисобгирии идоракунӣ ҷиҳати баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ва ҳисобузамкунии истеҳлоки онҳо буда, имкон медиҳад, ки корхонаҳо иттилооти пурра, саҳеҳ ва саривақтиро оид ба воситаҳои асосӣ ва истеҳлоки онҳо ба даст оранд. Истифодаи ин гуна иттилоот ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти корхона таъсири мусбат мерасонад (саҳ. 114).

Дар боби сеюми диссертатсия масъалаҳои такмили сиёсати истеҳлок дар корхонаҳои тиҷоратӣ ва мутобиқсозии он ба шароити корбурди СБҲМ баррасӣ гардида (саҳ. 115-134), роҳҳои такмили раванди ташаккули иттилооти ҳисоботӣ дар бораи воситаҳои асосӣ муайян карда шудаанд (саҳ. 135-156).

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки дар мамлакат аз оғози ислоҳот ва бозсозии муносибатҳои иқтисодию молиявӣ давлат дидаю дониста назорати равандҳои такористеҳсоли воситаҳои асосиро аз даст додааст. Бо татбиқи ғояҳои худмаблағгузорӣ ва худтаъминкунӣ маблағҳои ғунгардидаи истеҳлок дар корхонаҳо мувофиқи мақсад истифода намешаванд (саҳ. 118). Бинобар ин, ӯ пешниҳод менамояд, ки ҳангоми муқаррар кардани мӯҳлати истеҳлоки воситаҳои асосӣ мӯҳлати истифодаи нафъовар ва меъёрҳои тарҳҳои истеҳлок дар асоси шароити техникии объектҳои воситаҳои асосӣ ва бо ба инобат гирифтани амалияи байналмилалӣ муқаррар карда шаванд (саҳ. 134). Тавсияи муаллиф оид ба он ки муқарраоти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи ҷанбаҳои гуногуни баҳисобгирии воситаҳои асосӣ бояд бо СБҲМ ҳамоҳангсозӣ карда шаванд, қобили дастгирист. Тавре муаллиф дуруст қайд мекунад, роҳандозӣ намудани ислоҳот дар соҳаи сиёсати истеҳлок имкон медиҳад, ки манбаъҳои маблағгузории сармоягузориҳо ба воситаҳои асосӣ барои таҷдиди иқтисодиёти миллӣ зиёд карда шаванд ва суръати рушди технологияҳои истеҳсолӣ аз ҳисоби навкунии объектҳои воситаҳои асосӣ бо роҳи аз истифода баровардани ҳиссаи онҳо то лаҳзаи анҷоми мӯҳлати истифода баланд карда

шавад (саҳ. 135). Дарвоқеъ, мушкилоти дар баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ҷойдошта, инчунин нишон додани роҳҳои ҳалли онҳо ба беҳгардии сифати ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ ва саҳеҳии иттилооти дар он овардашуда дар бораи воситаҳои асосӣ мусоидат мекунад.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот.** Саҳеҳии хулосаҳои аз натиҷаи диссертатсия таҳияшуда ва натиҷаҳои илмии он бо истифодаи усулҳои махсуси коркарди маълумоти боэътимод, ҳаҷми кифояи маводи ба таҳқиқ фарогирифташуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ асос меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот мушаххас буда, ба вазифаҳои он мувофиқат мекунанд. Хулосаҳои умумии аз натиҷаи таҳқиқот таҳияшуда ба вазифаҳои он мувофиқ буда, мазмун ва сохтори диссертатсияро пурра инъикос мекунанд, возеҳ ифода ёфта, дарки ҳамаҷонибаи нуктаҳои асосии таҳқиқотро таъмин мекунанд. Мақсади дар диссертатсия муқаррааргардида амалӣ шудааст, вазифаҳои гузоштaшуда иҷро гардидаанд. Хулоса ва тавсияҳои таҳияшуда натиҷаҳои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои ноилгардидаро арзёбӣ карда, бояд қайд кард, ки дар раванди таҳқиқот шумораи зиёди асарҳои илмӣ, аз ҷумла монографияҳо ва мақолаҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии қонунгузорӣ, омори расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилооти ҳисоботии корхонаҳои тиҷоратӣ истифода шудааст. Дар ин маврид, тавсифи рӯйхати адабиёт бо риояи талаботи муқарраршуда ба ҷо оварда шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Диссертатсия дар маҷмуъ аз ҷиҳати сохтор, муҳтаво ва мантиқи зикри худ ба вазифаҳо ва мақсадҳои гузоштaшудаи таҳқиқот мувофиқ аст. Дар он масъалаҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ, ташаккули иттилоот оид ба воситаҳои асосӣ дар ҳисоботи молиявӣ ва такмили методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ аз ҷиҳати мантиқӣ комилан дуруст таҳқиқ шудаанд. Таҳлили ҷиҳатҳои назариявӣ ва методии масъалаҳои мазкурро муаллиф бо натиҷаҳои баррасии амалияи ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ пурра карда, дар ин асос пешниҳодҳои асоснокро оид ба такмили методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ таҳия кардааст. Истифодаи равиши мазкур ҳангоми таҳқиқот ба муаллиф имкон додааст, ки асоснокии муқаррарот, хулоса ва тавсияҳои аз натиҷаи диссертатсия бадастовардаи худро таъмин кунад.

**Аҳамияти илмии таҳқиқот.** Натиҷаҳои назариявии диссертатсия барои анҷом додани таҳқиқот дар самти рушди баҳисобгирии воситаҳои асосӣ

ҳамчун бахши муҳими низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ шароит фароҳам меоранд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Истифодаи муқаррарот ва тавсияҳои аз натиҷаи таҳқиқот таҳияшуда аз ҷониби маъмурияти корхонаҳои тиҷоратӣ барои рушди низомҳои баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои иқтисодӣ аҳамияти амалии онро ифода мекунад. Татбиқи амалии муқаррароти таҳияшуда имкон медиҳад, ки самаранокии баҳисобгирии муҳосибии воситаҳои асосӣ дар субъектҳои иқтисодӣ баланд бардошта шавад.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот дар он ифода меёбад**, ки натиҷаҳои диссертатсия ба рушди таъминоти ташкилию методии низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои тиҷоратӣ созгор буда, ба баланд шудани самаранокии қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба истифодаи самараноки воситаҳои асосӣ мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад**, ки қабули қарорҳои идоракунӣ ҷиҳати истифодаи самараноки воситаҳои асосӣ дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ба беҳгардонии идоракунии раванди истифодабарии воситаҳои асосӣ дар фаъолияти тиҷоратии корхона мусоидат мекунад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 26 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 10,5 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 8,5 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расонида шудааст, ки фарогири ҳамаи бахшҳои диссертатсия мебошанд. Баъзе паҳлуҳои мавзуи таҳқиқот дар конференсияҳои илмии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтаанд. Автореферати диссертатсия аз ҷиҳати сохтор ва муҳтавои худ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Дар матни автореферат муқаррароти асосӣ, муҳтаво, натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот пурра инъикос гардидаанд. Муҳтавои автореферат ва муқаррароти асосии диссертатсия бо ҳам мувофиқ мебошанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи тақризшаванда тасдиқ мекунад, ки Каримиён Мадинаи Баҳодур ҳамчун мутахассиси соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ташаккул ёфта, қодир ба ҳалли мустақилонаи масъалаҳои асосии назариявию амалии ин соҳа мебошад, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба ихтисоси илмии интихобкардаи ӯ мувофиқ аст. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва муҳтавои он ба талаботи бо шиносномаи ихтисоси илмии 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) муқарраргардида мутобиқ аст. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва

талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифатҳои шоистаи ӯро, чун донишомӯзӣ, қатъият, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда махсус бояд таъқид кард.

**Эродҳо ва тавсияҳо доир ба диссертатсия:**

Сарфи назар аз паҳлуҳои мусбати диссертатсия, дар муҳтавои он баъзе нуктаҳои баҳснок ва камбудиҳо мавҷуданд, аз қабили:

1. Муаллиф дар саҳ. 25 (параграфи 1.1) қайд мекунад, ки дар шароити муосири бозор мафҳуми «фонди истеҳлок» аҳамияти худро гум кардааст. Лекин дар адабиёт ин мафҳум истифода мешавад ва дар забони гуфтугӯи мутахассисон ва роҳбарони корхонаҳо низ шунида мешавад. Аз ин бармеояд, ки мафҳуми мазкур ҳануз қобили истифода аст. Бинобар ин, хуб мебуд, агар фикри муаллиф оид ба имконияти истифодабарии мафҳуми «фонди истеҳлок» ва эҳёи он дар баҳисобгирии муҳосибӣ муайян карда мешуд.

2. Дар матни диссертатсия ибораҳои «стандартҳои байналмилалӣ», «стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ» ва ибораи мухтасари «СБҲМ» бисёр истифода мешаванд, ки дар қаринаи таҳқиқоти мазкур маънои якхела доранд. Оё хубтар нест, ки дар тамоми матни диссертатсия ибораҳои мазкур дар як шакл ифода карда шаванд? Ба ҳамин монанд, дар диссертатсия калимаи «баҳисобгирӣ» ва ибораи «баҳисобгирии муҳосибӣ» истифода шудаанд, ки шояд корбурди онҳо дар шакли ягона беҳтар бошад.

3. Муаллиф дар саҳ. 38 (ҷадвали 1.3) ҳисобҳои 11020.4 «Мошин ва таҷҳизот дар захира (анбор)» ва 11020.1 «Мошин ва таҷҳизот дар истифода»-ро овардааст ва онҳоро ҳамчун хисобҳои аз ҷониби худ пешниҳодшуда муаррифӣ кардааст. Оё ҳисобҳои мазкур дар дигар адабиёт дучор наомадаанд ё дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳо истифода нашудаанд?

4. Дар саҳифаи 101 (параграфи 2.3) муаллиф қайд мекунад, ки баҳисобгирии идоракунӣ дар тафовут аз баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ нисбатан мустақил аст, барои ташкил ва пешбурди он қоидаҳо ё стандартҳо талаб карда намешаванд. Вале минбаъд, дар ҳамин параграф дар бораи корбурди стандартҳои байналмилалӣ дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ сухан меравад ва муаллиф пешниҳодҳои худро низ вобаста ба ин таҳия кардааст. Оё ин ҷо ихтилофе ба миён наомадааст?

5. Дар матни диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, маслан, дар саҳ. 49, сархати сеюм (аз поён дуюм) ибораи «баҳисобгирии муҳосибӣ» дар шакли «баҳисобгири муҳосибӣ» омадааст. Хуб мебуд, агар пеш аз ба расмият даровардани диссертатсия матни он бори дигар аз ҷиҳати нигориш бозбинӣ ва таҳрир карда мешуд.

Бояд қайд кард, ки камбудӣ ва эродҳои номбаршуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва ҳаргиз арзиши илмии таҳқиқотро паст намекунанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур ҳамчун кори илмии баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсия ва асоснокунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба маҳакҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудани диссертатсия ва ташхиси он дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи мукаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ аст.

Рисолаи довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудан ва санҷиши диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия бо забони фаҳмо ва бо истифодаи истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии батабъърасонидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дарбар мегиранд, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ гардидааст.

**Хулоса.** Диссертатсияи Каримиён Мадинаи Баҳодур дар мавзуи «Рушди методикаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва баанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Мубрамӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррарот, хулоса ва пешниҳодҳо, аҳамияти таҳқиқот барои илми иқтисодӣ ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ гувоҳӣ медиҳад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35, 36, 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва

муаллифи он – Каримиён Мадинаи Баҳодур барои додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) сазовор аст.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (протоколи № 10 аз 18-уми майи соли 2024) баррасӣ ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласа 14 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи баҳисобгирии
муҳосибии ДДМИТ, н.и.и., дотсент **Бобомуродов Б.Э.**

**Эксперт:**
н.и.и., муаллими калони кафедраи
баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ **Олимов Д.А.**

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., муаллими калони кафедраи
баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ **Амиров М.С.**

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14.
**Тел:** (992) 231-02-01; **Email:** tgfeu@tgfeu.tj

**Имзоҳои Б.Э.Бобомуродов, Д.А.Олимов ва М.С.Амировро тасдиқ менамоям:**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

20.05.2024 с.